Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзӯи диссертатсия пеш аз ҳама бо афзоиши нақши ризоият ҳамчун унсури калидии танзими муносибатҳои маданӣ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва густариши муомилоти маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Дар ҳуқуқи маданӣ ризоият ҳамчун ифодаи иродаи озоди иштирокчиёни муносибатҳо баромад намуд асоси ташаккул, тағйир ва қатъ гардидани аксари ҳуқуқу ухдадориҳои маданӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди аҳаммияти бунёдии он, масъалаҳои вобаста ба мафҳум, шакл, тартиби баён ва оқибатҳои ҳуқуқии ризоият то ҳол дорои баҳснокӣ буда, дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамеша тафсири якхела надоранд.

Дар шароити такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин наздикшавии он ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, зарурати таҳқиқи амиқи масъалаҳои марбут ба ризоият ҳамчун унсури марказии танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ бештар эҳсос мегардад. Мавҷудияти холигиҳо ва номуайяниҳо дар меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ризоият метавонад боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ, ноустувории муомилоти мадани ва паст гардидани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои мадани гардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи илмии мушкилоти маданӣ-ҳуқуқии танзими ризоият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо намуда, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Наговарии таҳқиқоти рисола дар он зоҳир мегардад, ки баррасии падидаи «розигӣ» нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳудуди кишварамон Тоҷикистон мебошад, ки дар он масъалаҳои муайян кардани табиати ҳуқуқи-мадании хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои баён, намудҳои зоҳиршавӣ ва тартиби додани розигӣ муайян ва баррасӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот аз ҷониби диссертант асоснок карда шудааст, ки худ падидаи розигӣ як навъи махсуси амали ҳуқуқӣ шуморида шуда, аз мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар конун ё шартнома дарҷгардида замина гирифта, амали яктарафаи ифодаи иродаи субъектони муносибатҳои маданӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, навгонӣ дар ташаккули асосноккунии назариявии категорияи розигӣ, шакл, намудҳо, аломатҳо ва оқибатҳои ҳуқуқие, ки баъд аз анҷом додани амали ҳуқуқӣ бе розигии зарурӣ амалӣ намуда, ба оқибатҳои бе розигии зарурӣ содир кардани амалҳои маданӣ дар асоси таҳлили низомнокии ҳолат ва мушкилоти танзими ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории

амалкунандаи ҶТ ва дурнамои истифодаи он ифодаи махсус зоҳир мегардад (саҳ. 7-8).

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода месозанд.

1. Асоснок карда шудааст, ки таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати муваққатии он бо амали маъқул донисташаванда нишон медиҳад, ки тартиби додани розигӣ дар қонунгузории маданӣ ба таври бояду шояд ва пароканда танзим гардидааст. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд.

«Розигӣ» - ин ифодаи иродаи субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, амали ихтиёрӣ ё беамалии аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва мақоми он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, иштироки мустақили мақомоти давлатии он дар муносибатҳои маданӣ, инчунин ширкат варзидани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар чунин раванд мебошад, ки дар маъқул донистани аҳд ва дигар амалҳои ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода мегардад. Розигии субъектони муносибатҳои маданӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба монанди дар зоҳир намудани амали яктарафа аз ҷониби субъектон, санадҳои корпоративии қабулшуда (масалан, қарори маҷлиси ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дорои масъулияти маҳдуд), санади маъмурие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти алоҳида ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар минтақаи муайян зоҳир гардад. Пешниҳод мегардад, ки новобаста аз истифодаи «розигӣ» ҳамчун изҳори иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дорои оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, дар ҳамаи соҳаҳои мухталифи дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ вуҷуддошта, аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ розигӣ ҳамчун воситаи ягонаи ифодаи иродаи субъектон ва амали маданӣ-ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад, зеро баёни розигӣ асосан дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои аҳаммият ва хусусияти ҳуқуқӣ буда, дар раванди таҳлил ва таҳқиқи

илмию амалӣ ва ҳуқуқии он усули анҷом додан, мазмуни ирода ва мақсади иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад.

Агар дар қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали ҳуқуқӣ «розигӣ» танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти бо қонун ба ӯ додашуда, ки дар заминаи амалисозии ваколатҳои худ дар муомилоти маданӣ дода шавад, чунин розигӣ тавассути санади маъмурӣ амалӣ карда мешавад.

2. Муайян гардидааст, ки «розигӣ» ифодаи амали ҳуқуқии яктарафаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ буда, мазмуни содда ва дорои асоси ҳуқуқии мухталиф шуморида мешавад, ки ба субъектони ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва (ё) оммавии худро таъмин намоянд. Ҳамзамон «розигӣ» ифодаи яктарафаи иродаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқии дар қонун пешбинигардида мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар муайян намудани эътибори аҳди дахлдор мегардад. «Розигӣ» аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ баёни ҳуқуқии субъект ба ҳисоб рафта, қисми ҷудонопазири ҳуқуқи субъективӣ шуморида шуда, ҳамчун ҳуқук ба амалҳо ва рафтори шахсӣ буда, дар баъзе мавридҳо дорои хусусияти асосӣ ва ёрирасонӣ мебошад, зеро падидаи мазкур дар ягон маврид тамоми мазмуни асосии ҳуқуқи субъективиро дарбар намегирад, балки танҳо дар механизмҳои амалисозӣ ва ташаккули рафтори субъекти ҳуқуқӣ замина ба вуҷуд меорад.

3. Розигии иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро, ки ҳамчун категорияи алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад, аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ вобаста ба навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, манфиати ҳифзшавандаи субъектони маданӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Таснифи розигӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин амалӣ карда мешванд: - шакли ифодаи он, ки ба воситаи хаттӣ (электронӣ), шифоҳӣ ё баёни ишора; - вақти додани розигӣ ба амали ҳуқуқии маъқул дониcташаванда; - намудҳои таркиби муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он зоҳир намудани розигӣ муҳим мебошад; - хусусияти ҳуқуқии амалу рафторе, ки баёни розигӣ дар он зарур мебошад.

4. Муайян гардидааст, ки қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии аҳдҳое, ки бо розигӣ баста шуда, баъдан беэътибор дониста мешавад, муайян намекунад. Агар дар санадҳои ҳукуқӣ шакли муайяни баёни розигӣ зикр шудааст ва бо вайрон намуни ифодаи шакли муайяни розигӣ баён ёфтааст, чунин розигӣ беэътибор ҳисобида мешавад. Агар ин аҳд аз иродаи як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста бошад, он гоҳ нисбат ба он талаботи дар боби 10 КМ ҶТ муқарраргардида дар хусуси беэътибор донистани аҳдҳои маданӣ татбиқ мешаванд. Барои мисол, аҳде, ки дар натиҷаи расонидани зӯроварӣ (аз ҷумла зӯроварии моддӣ ва маънавӣ), гумроҳӣ ё бо фиреб, таҳдид анҷом дода шудааст, аз лаҳзаи баста шуданаш беоқибат ва дар баъзе мавридҳо беэътибор дониста мешавад. Агар аз ҷониби мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ санади дохилӣ (локалӣ) қабул гардида бошад, (масалан, қарори умумии аъзоён-иштирокчиёни маҷлис), пас қоидаҳо дар бораи беэътибор донистани қарори дахлдори иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешавад, ки чунин талабот дар қонунҳои дахлдор дар бораи ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ғайра муқаррар шудааст; агар санади маъмурӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии ҶТ қабул гардида (инчунин, мақоми ҳокимияти маҳаллӣ) бошад, дар чунин ҳолат санади мушаххасе, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ намебошад, тибқи қоидаҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида мавриди баҳс қарор дода мешавад, яъне дар хусуси беэътибор донистани он ба мақомоти судӣ муроҷиат карда мешавад.

Хулоса карда мешавад, ки амалҳои ҳуқуқи мадании бе розигии зарурӣ анҷомдодашуда, дар натиҷа оқибатҳои зерини ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад: - қатъ гардидан (ё бекор гардидан) ва ё тағйир ёфтани (иваз шудани) муносибатҳои ҳуқуқӣ; - дар натиҷа ба вуҷуд наомадани оқибатҳои ҳуқуқӣ ва ё беэътибор донистани аҳд аз ҷониби мақомоти дахлдор; - пайдо гардидани ҳуқуқи талаби ҷуброни зарар ва ё пардохти ҷарима аз ҷониби ҷабрдида-даъвогар. Беэтибории аҳде, ки бе розигии зарурӣ анҷом дода шудааст, чун қоида дар баҳснок будани он ифода меёбад. Беоқибат донистани аҳде, ки ба

он розигии зарурӣ дода нашудааст, дар ҳолате ҷой дорад, ки зарурати гирифтани розигӣ ба манфиати шумораи номуайяни шахсон ба амал меояд.

Вобаста ба нуктаҳои пешниҳодгардида, бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории маданӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқикоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медихад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳрести интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқикот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти

назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Табиати ҳуқуқии розигӣ ва ифодаи ирода дар ҳуқуқи маданӣ» масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: мафҳуми “розигӣ” ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи маданӣ, ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ (саҳ. 21 -78).

Боби дуюми диссертатсия «Намудҳо ва шаклҳои ҳуқуқии розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои намудҳо ва аломатҳои розигӣ ҳамчун тарзи батанзимдарорӣ дар ҳуқуқи маданӣ ва шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳлил, омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд (саҳ. 79-116).

Дар боби сеюм диссертатсия «Оқибатҳои ҳуқуқии риоя накардани ифодаи розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ» бошад диссертант масъалаҳои тартиби ифодаи розигӣ дар амали субъектони ҳуқуқи маданӣ ва оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст (саҳ.117 -166).

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот иборат мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи М.А. Шерзода дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро дар он мушкилоти назариявӣ ва доктриналии танзими ризоият дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал таҳлил гардида, мафҳуми “розигӣ” ва аҳамияти он дар ҳуқуқи маданӣ, ҷойгоҳ ва нақши он дар муносибатҳои маданӣ бозбинӣ карда мешавад. Дар доираи таҳқиқот муносибати мавҷуда ба ризоият ҳамчун унсури иродаи тарафҳо дақиқ гардонида шуда, асосҳои назариявии татбиқи он дар муносибатҳои шартномавӣ рушд дода мешаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти амалӣ низ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи

маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи изҳори ирода алоқаманд мебошад, мавриди корбарӣ қарор гиранд.

Аҳаммияти иктисодии рисола дар он аст, ки равшан ва дакиқ танзим гардидани масъалаҳои вобаста ба ризоият ба устувории муомилоти маданӣ, пешгирии баҳсҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани эътимоди иштирокчиёни муносибатҳои иктисодӣ мусоидат менамояд. Дар навбати худ, аҳаммияти ичтимоии диссертатсия бо таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, таъмини адолати ичтимоӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии чомеа зоҳир мегардад.

**Нашри натичаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллиф корҳои муҳими илмӣ анчом дода, натичаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 6 мақола дар мачаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз чумла:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Шерова М.А. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ. [Матн] / Шерова М.А. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №3 (43). – С. 110-117. – ISSN 2307-5198.

**[2–М].** Шерова М.А. Танзими ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ. [Матн] / Шерова М.А. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №4 (44). – С. 108–117. – ISSN 2307-5198.

**[3–М].** Шерова М.А., Бобочонзода И.Ҳ. Аҳаммияти истилоҳи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №2 (42). – С. 117–131. – ISSN 2307-5198.

**[4–М].** Шерова М.А. Намудҳо ва аломатҳои розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ. [Матн] / Шерова М.А. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – №1 (45). – С. 105–1225 – ISSN 2307-5198.

**[5–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Моҳияти категорияи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. // Маҷаллаи Қонунгузорӣ. – апрел-июн 2024. – №2 (54), 20204 апрел-июн. – С. 57-72. ISSN 2410-2903.

**[6–М].** Шерова М.А. Мафҳум ва аҳаммияти розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А. // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №2(50). – С. 107–116. – ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7–М]. Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ.** Пролемаҳои муайяннамоии «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – 376 с. –С. 119-132.

**[8–М].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Аҳаммияти категорияи «розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. "Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ – иқтисодии заминистифодабарӣ»:маводҳои конференсияи ҷумҳурияви илмӣ- амалӣ (11-уми майи соли 2024) // Зери назари д.и.ҳ., профессор Исмоилов Ш.М.- Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – 500 с.-С.103-129.

**[9–M].** Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ. Аҳаммияти истилоҳи “розигӣ» ҳангоми гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии замин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Шерова М.А., Бобоҷонзода И.Ҳ.Маводи Конференсияи чумхуриявии илмию назариявӣ дар АМИТ. Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният. Маҷмуи мақолаҳои илмию назариявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ. –Душанбе, 19 апрели соли 2024. МН «Дониш», 2024. – 280 с. – С. 240-252.

**[10–M].** Шерова М.А. Розигӣ дар муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ ва ташаккулёбии он дар низоми ҳуқуқии муосир. Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати хуқуқбунёд. [Матн] / Шерова М.А. Маводи конференсияи чумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Истиклолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд», бахшида ба 33-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2024. – 492 с. – С. 38-485.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар такриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз чумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1. Дар сархати 3 банди 1 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида омадааст, ки: «Агар дар қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали ҳуқуқӣ «розигӣ» танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти бо қонун ба ӯ додашуда, ки дар заминаи амалисозии ваколатҳои худ дар муомилоти маданӣ дода шавад, чунин розигӣ тавассути санади маъмурӣ амалӣ карда мешавад». (саҳ. 14 дисс.). Аммо номаълум боқи мондааст, ки сухан дар бораи кадом розигӣ меравад ва кадом санад дарназар дошта шудааст.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки: «Сукут розигӣ ба анҷоми аҳд ба ҳисоб намеравад», ки дар ин ҷо сухан дар бораи додани розигии шахси сеюм ба анҷом додани баҳс меравад. Мутаасифона чунин муқаррарот дар моддаи 189 КМ ҶТ ҷой дода нашудааст, ки он аз аҳаммият холӣ набуда, барои пешгирии баъзе аз аҳдҳое, ки бо ин асос мавриди баҳс қарор дода мешаванд, заминаи ҳуқуқӣ шуда метавонист. Ҳол он ки мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 172 КМ ҶТ дарҷ карда шудааст, ки: «Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо сукут ифодаи иродаи бастани аҳд дониста мешавад» (саҳ. 40 дисс.). Аз ин навиштаҷоти муаллиф муайян карда намешавад, ки мавқеи ӯ дар бораи «сукут» ҳамчун шакли розигӣ чӣ гуна мебошад? Муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои рисола мавқеи худро оид ба «сукут» ҳамчун шакли розигӣ бояд муайян намояд.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуктаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, мутобиқат дорад. Муаллиф барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Д.А. Сидиқов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, Бинои 71/1, хонаи 27. Тел.: (+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru

«Имзои Д.А. Сидиқов – ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон М.Н. Исмаилова

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E-mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru

27.02.2026